# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-087-и назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Диссертатсия дар кафедраи филологияи англис муштарак бо кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев муҳокима шудааст (суратҷаласаи № 2 аз 12 сентябри соли 2025).

**Мубрамияти мавзуъ:** Таҳқиқи масоили мубрами адабиётшиносии татбиқӣ дар шароити нави таърихӣ аз ҷумлаи муаммоҳои муҳимми адабпажуҳии муосир ба шумор меравад, ки доираи баррасиҳои амиқро тақозо доранд. Ҳарчанд гурӯҳе аз адабиётшиносони тоҷик, чун Александ Гейзер, Абдусалом Абдуқодиров, Валӣ Самад, Абдувалӣ Давронов, Абдурашид Самадов, Муртазо Зайниддинзода, Гулмо Шозиёева ва дигарон корҳои муайяне дар заминаи равобити адабӣ ва таъсири адабиёти форсу тоҷик ба адабиёти ҷаҳон анҷом додаанд, вале самти адабиётшиносии татбиқӣ баррасиҳои бештареро тақозо дорад. Аз ин рӯ, диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна, ба таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бахшида шудааст, пажуҳиши тоза ва муҳим буда, бо назардошти дар сатҳи матлуб таҳқиқ нашудани чунин мавзуот мубрамият ва муҳиммияти он мушаххас мегардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал бо шеваи муҳимми татбиқӣ ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳқиқи диссертант муқаррар намудааст, ки ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Вилям

Шекспир умумият ва муштаракоти зиёди мазмуниву маъноиро доранд. Аз ин нуқтаи назар, чун пажуҳиши мазкур бори аввал сурат мегирад, он имкон медиҳад, ки дар оянда таҳқиқоти бештар дар заминаи адабиёти татбиқии тоҷикиву англисӣ ба анҷом расонида шавад. Ин шеваи таҳқиқ ҷиҳати рушди минбаъдаи равобити адабии Англия ва Тоҷикистон нақши муассир метавонад гузорад. Дар баробари ин ҳарчанд доир ба муштаракоти осори адабиёти Шарқ ва Ғарб корҳои илмию таҳқиқотӣ сурат гирифта бошад ҳам, аммо таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад,** ки дар меҳвари баррасиҳои илмӣ таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ бар асоси ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир қарор гирифта, дар зимн, умумияти вижагиҳои ғоявию бадеӣ низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Бахусус, арзиши назари кори диссертатсионии мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳқиқи мазкур як равиши тозаи баррасии таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир матраҳ шуда, дар мисоли таҳлили муфассали ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бо шеваи мустанади илмӣ нишон додааст.

Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро дар баррасии масъалаҳои равобити адабӣ ва таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин дар ҷараёни таълими фанҳои адабиёти ҷаҳон, курсҳои махсус оид ба таърихи адабиёт, адабиёти тоҷик ва равобити адабӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва навиштани диссертатсияву корҳои илмӣ зарур арзёбӣ мешаванд.

**Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф, ки дар 8 мақола, (аз ҷумла 6 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба нашр расидаанд, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия

робитаи мустақим доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро дар худ ҷой додаанд. Мақолоти нашрнамудаи муаллиф ва шумораи маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

Дар умум, диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи пайваст буда, натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод менамояд

Бо назардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии он, комиссияи экспертӣ ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро дар мавзуи «Таҳлили

муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи **Ёрбекова Заррина Мардонқуловна** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-087 назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Холов Аълохуҷа Сайнозимович** – номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи Шарқи МДТ "Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит".

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.` Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — А.А. Абдулназарзода

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Н.Н. Нуров

номзади илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Р.М. Шофақирзода

Имзои А.А. Абдулназарзода, Н.Н. Нуров
ва Р.М. Шофақирзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев — Саидрахмонов Н.С.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
736600, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
Телефон: (+992) 501 33 47 25

27-уми апрели соли 2026